# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ

Парвандаи аттестатсионии № ____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 1-уми июли соли 2023, № 11

Барои сазовор донистани Имамбердиева Саломат Менгликуловна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти № 306 ) рӯзи 10 апрели соли 2023, суратҷаласаи № 25 барои ҳимоя қабул шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Имамбердиева Саломат Менгликуловна, соли таваллудаш 1966, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ узбек, аз 06.06.2023 узви ҲХДТ.

Соли 1987 факултети филологияи тоҷики Институти педагогии шаҳри Ленинобод (ҳозира ДДХ ба номи Б.Ғафуров)-ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти узбекӣ хатм намудааст.

Аз октябри соли 1997 дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси ассистент ва аз сентябри соли 2000 дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт ба ҳайси муаллими калон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Дилмурод Раҷабович.

**Муқарризони расмӣ:**

**Офаридаев Назрӣ –** доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна –** номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи пешбар** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, номзади илми филология Мирзоев Сайфиддин, ходими пешбари илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, номзади илми филология Собирҷонов Солеҳҷон, котиби илмии ҷаласа – ходими калони илмии шуъбаи забонҳои бостон ва ориёии ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ, номзади илми филология Мамадаминова Замира имзо шуда, бо имзову муҳри директори муассиса, доктори илми филология, профессор Шарифзода Фарангис тасдиқ гардидааст, зикр менамояд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллиф ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Имамбердиева С. М. Баррасии қабатҳои луғавии ойконимҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С. М. Имамбердиева // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2020. – № 1 (84). – С. 90-94.

[2-М]. Имамбердиева С. М. Таҳлили луғавӣ ва сохтории ибора-исмҳои хоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С. М. Имамбердиева // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2021. – № 2 (91). – С. 108-110.

[3-М]. Имамбердиева С. М. Баррасии қабатҳои луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С. М. Имамбердиева // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2021. – № 3 (92). – С. 76-80.

[4-М]. Имамбердиева С. М. Баррасии қабатҳои луғавии топонимҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С. М. Имамбердиева // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2021. – № 4 (93). – С. 11-16.

[5-М]. Имамбердиева С. М., Ҳомидов Д. Р. Шарҳи луғавии чанд ҷойномҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С. М. Имамбердиева, Д. Р. Ҳомидов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2022. – № 5 (100). – С. 78-82.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Имамбердиева С. М. Садриддин Айнийнинг «Эсдаликлар» асаридаги ойконимларнинг лексик қатламларини ўрганиш // Термиз давлат университетининг илмий журнали. – Термиз, 2021. – № 1 (1). – С. 45-50.

[7-М]. Имамбердиева С. М. Тобишҳои маъноӣ-услубии номвожаҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С. М. Имамбердиева // Маҷал.: «Масъалаҳои забоншиносӣ» №1 (1), – Душанбе, 2022, С. 82-90.

[8-М]. Имамбердиева С. М. Астионимҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С. М. Имамбердиева // Маҷал.: Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогии Денов (Узбекистон) – Денов, 2022, С. 98-108.

[9-М]. Имамбердиева С. М. Баррасии мансубияти забонии номвожаҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С. М. Имамбердиева // Маҷал.: «Масъалаҳои забоншиносӣ» №2 (3), – Душанбе, 2023, С. 78-84.
[10-М]. Имамбердиева С. М. Садриддин Айнийнинг «Эсдаликлар» асаридаги бир неча жойномларнинг луғавий изоҳи [Матн] / С. М. Имамбердиева // Термиз давлат университетининг илмий журнали. – Термиз, 2022. – № 4. – С. 55-60.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Раҳимкулов Ғайрат Норқӯчқорович** – дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, доктори фалсафа доир ба филология (PhD) – тақриз мусбат буда, дар он қайд мегардад, ки солҳои охир таҳқиқи онимҳо дар илми забоншиносии тоҷик ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта, рисолаи унвонҷӯ низ идомаи ҳамон кори нек аст. Дар автореферати тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд:

1. Дар матни фишурда ҷо-ҷо такрори фикр ба мушоҳида расида, баъзан аз истифодаи овонигории байналмилалӣ сарфи назар шудааст.
2. Дар диссертатсия баррасии ҷойномҳо камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, дар баррасии топонимҳои асар низ кӯшида мешуд.
3. Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг.: саҳ. 4, 6, 10, 15).

**Муқумова Дилафрӯз Зиёдуллаевна ва Қурбоналиева Махфират Саъдуллаевна** – номзадҳои илми филология (PhD), саромӯзгорони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Термиз дар тақризи мусбати худ зикр менамоянд, ки ономастикаи асари мавриди тақриз қароргирифта хеле ҷолиб буда, барои ифодаи манзара, ҳодиса ва ҳолати руҳиву равонии персонажҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки дар ин бобат дар диссертатсия сухан меравад. Дар забоншиносии тоҷик то ҳол кори таҳқиқотӣ доир ба маводи ономастикии асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ба анҷом нарасидааст.

Дар автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо барои беҳтар шудани сифати кори илмӣ дар оянда судманд хоҳанд буд:

1. Аз сабаби он, ки мавзуи таҳқиқ ономастикаи «Ёддоштҳо» маҳсуб меёбад, дар диссертатсия баррасии топонимҳо камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, дар баррасии топонимҳои асар низ кӯшид ба харҷ дода мешуд.

2. Дар матни фишурда ҷо-ҷо такрори фикр мушоҳида мешавад (ниг. с. 7, 13).

3. Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 4, 6, 10, 15, 67, 78...).

**Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. Тақриз мусбат буда, баробари нишон додани муваффақиятҳо, инчунин роҳ ёфтани баъзе камбудиҳо низ зикр гардидааст:

1. Дар фасли сеюми боби якум зери унвони «Антропонимҳои баёнгари номи адибону донишмандон ва фозилони давр» номҳои шоирони даврони пешин ва ҳамзамонони муаллиф таҳлилу баррасӣ гардидаанд (саҳ. 9). Ҳамзамон дар боби дуюм, фасли аввал, баъди зербоби 2.1.4. боз номи шоирон ва адибон таҳти унвони а) «антропонимҳои ифодагари номи шоирону адибон» оварда шудааст. Хеле хуб мешуд, ки ин антропонимҳо дар як ҷо тахлилу баррасӣ меёфтанд.

2. Дар саҳифаи 15-уми автореферат дар сархати 7-ум дар сохтори ҷумла «Ин антропонимҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем, чунин аст:» ба камбудӣ роҳ дода шудааст.

3. Дар фасли дуюми боби сеюм «Баррасии онимҳо аз нигоҳи мансубияти забонӣ» дар саҳифаи 19-уми автореферат «Онимҳои русӣ-байналмилалии асар» тасниф гардидаанд, вале дар унвони зерфаслҳо ба камбудӣ роҳ дода шудааст ва дар ҳар ду маврид «антропоним» истифода гардидааст. Чунончи:

а). Антропонимҳои русӣ-байналмилалӣ: Колесов, Харитонов ва ғайра;

б). Антропонимҳои русӣ-байналмилалӣ: Москва (Маскав), Қрим, Пориж (Порис)...

Зикр мегардад, ки албатта, ин камбудиҳо ва норасоиҳо ҷузъӣ буда, қиммати илмии рисоларо паст нахоҳанд зад ва дар оянда ислоҳ хоҳанд гардид.

**Рустамшо Ҷаҳонгир Рустамшо** – номзади илми филология, мудири Маркази матбуоти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақризи ирсолнамудааш мусбат буда, баробари арзишдоварии мусбат кардан, инчунин роҳ ёфтани чанд камбудиро зикр кардааст, ки хеле ба маврид аст:

1. Ба назари мо, дар номи бобҳо омадани ифодаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ зиёдатӣ буда, аз номи мавзуъ маълум аст, ки гап дар бораи ин асар аст.

2. Вақти шарҳи зерфаслҳо дар бисёр маврид 1-тогӣ мисол (саҳифаҳои 18, 19, 20, 21) оварда шудаанд, ки кам аст. Агар аз ду мисол зиёд оварда мешуд, беҳтар мебуд.

3. Дар автореферат хатоҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 21, 22, 23, 25) дида мешавад.

4. Дар зерфасли 3.2.5., ки «Онимҳои омехта (гибрид)-и асар» унвон дорад, мисолҳо мувофиқ оварда нашудаанд. Аз ҷумла, номвожаи «Хоҷахон» тоҷикӣ-арабӣ зикр гардидааст, ки тоҷикӣ-туркӣ аст.

**Назаров М. Н.** – номзади илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав». Тақриз мусбат буда, дар он муқарриз зикр менамояд, ки таҳқиқи ономастикаи осори насрӣ аз масоили муҳим ва камомӯхташуда буда, диссертатсияи мазкур барои илми забоншиносӣ дастоварди муфид аст. Таъкид мегардад, ки дар қатори дастовардҳо дар автореферати диссертатсия камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ибрози онҳо, ба андешаи муқарриз, ба манфиати кор мебошад:

1. Ба назари мо, бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ андаке такмил мехоҳад, зеро дар забоншиносии қиёсӣ доир ба таҳқиқи осори устод С. Айнӣ дар забоншиносии муқоисавӣ корҳои зиёде ба анҷом расидааст.

2. Дар матни фишурда ҷо-ҷо такрори фикр мушоҳида мешавад (ниг.: саҳ. 7, 13).

3. Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг.: саҳ. 4, 6, 10, 15, 67, 78).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи таърихи забон, ономастика, топонимика, номшиносӣ ва шевашиносӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Шурои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки унвонҷӯ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон хусусиятҳои луғавӣ ва сохтории ономастикаи асари тарҷумаиҳолии «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айниро ба таври дақиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С.

Айнӣ роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, ба хусус, роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки маводи ономастикӣ дар он нақш дорад, кори таҳқиқотӣ анҷом дода, хулосаҳои илмии бадастомадаро дар таҳқиқи масоили ташаккули таърихи забони адабии тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосири ин сарзамин метавон истифода кард.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсияи мазкурро дар дарсҳои назариявӣ, дар курсу машғулиятҳои амалии таърихи забони адабии тоҷикӣ, номшиносӣ, шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филологӣ, забонҳои Осиё ва Аврупо, таърих, ҳуқуқшиносӣ ва дигар риштаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва, ҳамчунин, вожаҳои махсуси ономастикиро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

Бо назардошти мақсади асосии пажӯҳиш ва дар заминаи ҳалли вазифаҳои диссертатсия масъалаҳои асосии зерин барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд:

1. Баррасии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ аз ҷиҳати лингвистӣ ҷолиб буда, бори нахуст дар чунин шакл дар забоншиносии тоҷик таҳқиқ гардидааст;

2. Таҳлили сохторӣ ва маъноӣ-луғавии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ аз лиҳози илмӣ ҷолиб буда, ин воҳидҳои луғавӣ дар шаклҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-антротопоним дар асари мавриди пажуҳиш қароргирифта дучор мешавад;

3. Зимни таҳлили решашиносӣ ё этимологӣ муфйян карда мешавад, ки бештари ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ таърихи қадим дошта, вале ҳоло дар натиҷаи гузашти айём ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шудаанд;

4. Нишон дода мешавад, ки роҳҳои инкишофи ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ гуногун буда, асосан, ба воситаи формантҳо ва таъсири забонҳои дигар сурат мегиранд;

5. Сабабҳои пайдоиши як гурӯҳ антропониму антротопонимҳо вобаста ба ҳодисаҳои таърихӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд;

6. Дар заминаи таҳлили маҷмуии мавод таърихи баъзе ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ошкор гардида, ҷиҳатҳои забонӣ ва ҷуғрофии онҳо муайян гардида, барои ғанӣ гардидани таркиби луғати забони тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни таҳқиқу баррасии масъалаҳои мазкур муҳаққиқ ба осори илмии забоншиносони маъруфи Русия, Тоҷикистону Эрон, Афғонистону Узбекистон, Қирғизистону Қазоқистон ва Туркманистон, аз ҷумла С.

Айнӣ, А. Мирзоев, Д. Т. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, К. Бартоломей, А. А. Фрейман, М. Н. Боголюбов, В. Б. Ҳеннинг, В. А. Лившитс, И. М. Оранский, В. С. Расторгуева, А. Хромов, Д. И. Эделман, Л. П. Борисович, С. Нафисӣ, Б. Қариб, М. Муин, Деҳхудо, М. Баҳор, С. Шамисо, З. Қосимӣ, Ж. Омӯзгор, А. Тафаззулӣ, А. Каримов, Д. Саймиддинов, Р. Ғаффоров, Д. Хоҷаев, М. Қосимова, О. Муҳаммадҷонзода, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, Д. Ҳомидов, Б. Тураев, Р. Шодиев такя кардааст.

**Усули таҳқиқ.** Дар таҳқиқи мавзуъ аз метод ва равиши усули тасвирӣ ва дар мавриди зарурӣ усули муқоисавӣ-таърихӣ истифода шудааст. Ҳамчунин дар кор усули умумиилмии мушоҳида, тафсир ва усулҳои махсуси таҳлили фонетикӣ, семантикию услубӣ, усули таҳлили лингвистии матни бадеӣ, таҳлили тафсири луғавӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Саҳми фардии муҳаққиқ дар он аст, ки** муаллифи диссертатсия маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро дар номшиносии тоҷик чун идомаи корҳои пешин ба анҷомрасонида дар шакли таҳқиқоти мукаммал, яъне диссертатсия ба таври системавӣ таҳқиқ кардааст.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 1-уми июли соли 2023 дар бораи ба Имамбердиева Саломат Менгликуловна додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 14 нафар иштирок дошт, ки аз ин 4 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «баргаҳои беэътибор» – нест

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илми филология, профессор** **Ҷаматов С. С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илми филология, дотсент** **Каримова Д. Н.**

**1-уми июли соли 2023.**